«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
**Ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ**
**Ҳошимзода Ҳ.Х. ________**
**«26» ____10____ с. 2024**

# ХУЛОСАИ

**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ба рисолаи номзадии Иноятзода Афрӯза Ислом дар мавзуи: «Баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда: масъалаҳои назария, танзими ҳуқуқӣ ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ**

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.**

Диссертатсияи Иноятзода Афрӯза Ислом дар мавзуи «Баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда: масъалаҳои назария, танзими ҳуқуқӣ ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 - Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ омода шудааст. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 12.00.09 - Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2021, №7 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.**

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар доираи дурнамои корҳои илмии кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 дар самти «Масъалаҳои такмил додани баамалбарории адолати судӣ ва назорати прокурорӣ дар партави ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» омода гардидааст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба яке аз масъалаҳои марказии илми мурофиаи ҷиноятӣ – баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда дар мурофиаи ҷиноятӣ бахшида шуда, дар доираи он масъалаҳои назария, батанзимдарории ҳуқуқӣ ва амалия мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ Иноятзода Афрӯза Ислом ба яке аз масъалаҳои мубрами мурофиаи ҷиноятӣ дар шароити муосир – баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда бахшида шудааст. Муаллиф дар асоси омӯзиш ва таҳлили адабиёти васеи илмии олимони ватанию хориҷӣ, бо назардошти санадҳои меъёрии ҳуқуқии

танзимкунандаи соҳа ва таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории кишварҳои хориҷӣ масъалаҳои назария, танзими ҳуқуқӣ ва амалии мавзуъро мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор додааст.

Муҳаққиқ дар хусуси зарурати анҷом додани таҳқиқоти илмӣ қайд менамояд, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инсон, ҳуқуқу озодиҳои ӯро арзиши олӣ эътироф намуда, ба ҳар кас кафолати ҳифзи судӣ пешбинӣ мекунад, ки мувофиқ ба мазмуни он ҳар як шахс ҳуқуқ дорад талаб намояд, ки парвандаи ӯро суди босалоҳият, мустақилу беғараз, ки тибқи қонун таъсис ёфтааст, дар ҳузури ӯ ошкоро муҳокима намояд. Аз ин рӯ, асосҳои конститутсионии адолати судӣ дар пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ кафолати ҳифзи судӣ, дастрас будани адолати судӣ, ҳуқуқи ҳар шахс ба ҳимоя аст, ки бо як қатор шарту қоидаҳои умумии муҳокимаи судӣ бо иштироки бевоситаи тарафҳо бояд амалӣ шаванд.

Ҳамзамон, танзими ҳуқуқии муносибатҳои мурофиавии ҷиноятӣ, ҳаллу фасли асоснок, қонунӣ ва одилонаи парвандаҳои ҷиноятӣ аз ҷониби мақомоти тафтишотӣ ва судӣ бо иштироки бевоситаи тарафҳо пайваста бояд такмил дода шаванд.

Амалияи мақомоти тафтишию судӣ нишон медиҳад, ки бинобар ҷой доштани ихтилофот дар меъёрҳои мурофиавӣ, заъфият дар матн ва мазмуни қоидаҳои мурофиавӣ, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои айбдоршаванда дар марҳилаҳои тосудӣ ва ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои судшаванда дар марҳилаи судӣ, хусусан ҳангоми дар ғоибии онҳо баррасӣ шудани масъалаҳои мурофиавӣ мушкилот ба бор меорад. Дар ҷое дар ғоибии судшаванда дар ҷои дигар бе иштироки судшаванда ифода карда мешавад.

Омӯзиш ва таҳлили таҷрибаи судҳои ҷумҳурӣ ва санадҳои зерқонунӣ нишон медиҳад, ки теъдоди парвандаҳое, ки бе иштироки судшаванда баррасӣ мегаранд, хеле каманд. Вале дар баъзе мавридҳо дар қарорҳои судӣ асосҳои қабул намудани қарор нишон дода нашуда, сифати тартиб додани қарорҳои судӣ низ беҳбудӣ металабанд. Нисбати ташкил ва гузаронидани мурофиаҳои судӣ ҳам ба камбудиҳо роҳ дода мешавад, ки барои воқеан таъмин гаштани принсипҳои конститутсионии ба ҳама дастрас будани ҳифзи судӣ, мубоҳиса ва баробарии тарафҳои муҳокимаи судӣ монеаҳо эҷод мекунад.

Бинобар ин, масъалаҳои таъмини иштироки судшаванда ҳамчун тарафи ҳимоя дар баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ, таносуби мурофиаи ошкоро, пӯшида ва «ғоибона» баррасӣ намудани парвандаҳои ҷиноятӣ, муҳокимаи судии масъалаҳои алоҳидаи мурофиавӣ дар ғоибии судшаванда боз бештар ба омӯзиш, таҳлили ҳуқуқӣ ва таҳқиқоти илмӣ ниёз дорад.

Ҳарчанд қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2009) моҳияти башардӯстонаи меъёрҳои конститутсиониро инъикос намуда, дар партави муқаррароти он, дар баробари ҳуқуқ ба ҳимоя ва ҳуқуқ ба дастрас будани адолати судӣ - як қатор кафолатҳои

мурофиавиро пешбинӣ карда бошад ҳам, лекин атрофи масъалаи таъмини кафолати ба ҳимояи судӣ ҳуқуқ доштани айбдоршаванда ва судшаванда то ҳол баҳсҳои назариявӣ ва омилҳои маҳдудкунандаи амалишавии меъёрҳои ҳуқуқӣ (риоя, иҷро ва татбиқи меъёрҳо) дар амалияи мақомоти тафтишӣ ва судӣ пурра бартараф нашудаанд. Гузашта аз ин, ифода ва амалишавии истилоҳоти «мурофиаи ғоибона» оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ дар Тоҷикистон аз нуқтаи назари сиёсиву ҳуқуқӣ қобили қабул нест, вале дар сурати васеъ истифода намудани он эҳтимолияти вайрон шудани принсипи муҳобоҳиса ва баробарии тарафҳо, муҳокимаи ошкорои судӣ ба миён меояд. Пешбинӣ ва ифода шудани «бе иштироки судшаванда» баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ дар суди марҳилаи аввал, бинобар аз ҳозиршавӣ ба суд саркашӣ кардани ӯ, пеш аз ҳама ин таъмини баамалбарории адолати судӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ аст, ки масъалаи гунаҳгор ё бегуноҳии шахс дар содир кардани ҷиноят ва ногузирии таъини ҷазои ҷиноятӣ, сари вақт, асоснок ва одилона мавриди муҳокима қарор гирад. Зарурияти расидан ба адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон аз таҷовузҳои ҷиноятқорона назар ба рафтори зиддиҳуқуқӣ, хоҳиш ва иродаи судшаванда афзалияти арзишмандиву манфиати ҷомеа ва таъмини адолати иҷтимоиро нишон дода, зарурати дар ҳолатҳои истисноӣ бе иштироки судшаванда баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятиро раво медонад, лекин беасос ва ғайриқонунӣ маҳдуд карда шудани ҳуқуқи судшавандаро истисно мекунад.

Таълимот ва ақидаҳои пешқадами мутафаккирони форсу тоҷик оид ба таъмини адолати иҷтимоӣ, дастаҷамъона, ошкоро дар ҳузури тарафҳо баргузор шудани мурофиа, ки озмоишҳои гуногуни таърихиро гузашта, то имрӯз ба мо ҳамчун таҷрибаи нодири танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ расидаанд. Онҳо ҳамчун дастовардҳои миллӣ аҳаммияти ҳуқуқӣ, маънавию фарҳангии худро гум накардаанд. Онҳо имрӯз таҳкурсии боэътимоди қонунгузории муосири миллиро дар самти рушди адолати судӣ ташкил дода, бо арзишҳои муосири умумибашарӣ тибқи талаботи замони муосир ва асосҳои сохти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳаёти ҷомеа ғанӣ гаштаанд.

Ҳоло, ки Тоҷикистон дар раванди бунёди давлати ҳуқуқбунёд қарор дорад анъанаҳои миллӣ, ғояҳои пешқадами адолати судӣ, ба монанди бо забони давлатӣ баргузор шудани мурофиа дар ҳузури тарафҳо, мубоҳиса ва баробарии тарафҳо, дастаҷамъона бо иштироки аҳли ҷомеа одилона ҳал шудани ҳама масъалаҳои мурофиавӣ ва ғайраҳоро сарчашмаи ташаккулёбии ҳуқуқи мурофиаи судии муосир ҳамчун пайвандгари афкори гузаштагон ва наслҳои ҳозира эътироф мекунад.

Рушди низоми ҳуқуқи миллӣ мутобиқ ба санадҳои байналмилалӣ, ҷараён ва натиҷаи ислоҳоти судию ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар самти танзими боэътимоди муносибатҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ, саҳеҳ ва дақиқ пешбинӣ шудани меъёрҳо, таъмини пайвастагии мазмуни онҳо, васеъ кардани имконият ва баробарии

тарафҳо, коркард ва асоснок кардани роҳҳои таъмини кафолатҳои мурофиавии ҳуқуқ ба дастрасии адолати судӣ ба ҳар як шахс, ҳуқуқ ба ҳимоя ва ғайраҳо, ки барои қонунӣ, асоснок ва одилона баррасӣ шудани парвандаҳои ҷиноятӣ мусоидат мекунанд, минбаъд ҳам зарурати таҳқиқоти илмию назариявиро ба миён меорад.

Натиҷаи таҳқиқоти илмии фарогири ин масъалаҳо имконият медиҳад, то ки баҳсҳои назариявӣ ҳалли дақиқ ва ниҳоии худро ёбанд, андешаву ақидаҳои самарабахш такмил дода, асоснок карда шаванд, кафолатҳои конститутсионии адолати судӣ воқеан амалӣ шаванд.

Ҳалли дурусти масъалаҳои мурофиавӣ ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ аз руи амали принсипи мубоҳиса ва баробарии тарафҳо бо иштироки фаъоли тарафҳо бояд роҳандозӣ шавад, ба қоидаҳои танҳо дар мавридҳои истисноӣ дар ғоибии айбдоршаванда ва судшаванда баррасӣ шудани масъалаҳои мурофиавӣ, ба тартиби ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ бе иштироки айбдоршаванда ва судшаванда бояд мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шавад. Таҳлил ва минбаъд такмил дода шудани меъёрҳои қонунгузорӣ, роҳҳои ҳадафноки амалишавии онҳо, беҳтар намудани фаъолияти мақомоти судӣ дар самти ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, муайян кардани ҳадди имкониятҳои иштирокчиёни мурофиа ҳангоми муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ таҳқиқоти назариявиро талаб менамояд. Аз ҷумла, Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ (2018) такмил додани қонунгузории миллӣ, адолати судӣ, риоя ва ҳимоя шудани ҳуқуқу озодиҳои инсонро ҳамчун самти асосии рушди низоми ҳуқуқии кишвар пешбинӣ кардааст.

Аз ин рӯ, яке аз самтҳои муҳимми назария ва амалияи ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ ин такмил дода шудани танзими ҳуқуқии иштироки судшаванда (айбдоршаванда) дар муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ боқӣ мемонад.

Масъалаҳои амалишавии принсипи конститутсионии мубоҳиса ва баробарии тарафҳо дар мурофиаи судӣ, иштироки ҳатмии судшаванда дар муҳокимаи судӣ асосҳо, шарт, зарурият ва тартиби муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда, таъмини кафолатҳои ҳуқуқии судшаванда ҳамчун иштирокчии тарафи ҳимоя дар муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ, таносуби мурофиаи ошкоро, пушида ва ғоибонаи баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ, тартиби баррасии судии масъалаҳои мурофиавӣ дар марҳилаҳои тосудӣ ва омодагӣ, таъин кардани маҷлиси судӣ дар ғоибии айбдоршаванда ва судшаванда таҳқиқоти комплексиро талаб мекунанд, ки дар раванди амалишавии сиёсати ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон аҳаммияти муҳимми назаривию амалӣ доранд.

Андешаҳои баёншуда ба муайян кардани дурнамои танзими ҳуқуқӣ ва ногузирии баррасии парвандаи ҷиноятӣ бе иштироки судшаванда, ҳолатҳои истисноӣ, асос ва шартҳое, ки муҳокимаи судии парвандаҳоро бидуни иштироки судшаванда тақозо менамоянд, ҳалли масъалаҳои таъмини кафолатҳои ҳуқуқу манфиатҳои судшаванда дар пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ва зарурати такмил додани тартиби мурофиавии

риоя ва иҷрои дақиқи онҳо дар амалияи тафтишотию судӣ ба интихоби мавзуи таҳқиқоти илмӣ сабаб шуданд. Рисола маҷмуи масъалаҳои назариявӣ ва амалияро дарбар гирифтааст, ки ба тартиби судии баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда вобаста мебошанд.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.**

Вобаста ба рисолаи мазкур унвонҷӯ 10 мақолаи илмӣ, ки 6-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ рӯи чоп омадааст ва инчунин, 4 мақола дар нашрияҳои дигар ба нашр расонидааст. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

1. Иноятова А.И. Хусусиятҳои баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар ғоибии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ [Матн] / А.И. Иноятова // Маҷаллаи илмии Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2022. № 3(55). -С. 99-55. ISSN 2412-141X
2. Иноятова А.И. Таҳлили назариявии ҳимояи судии ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ [Матн] / А.И. Иноятова // Маҷаллаи илмӣ – таҳлилии «Қонунгузорӣ»-и Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2022. № 3 (47). – С. 100-105. ISSN 2410-2903
3. Иноятова А.И., Раҳматулоев А.Э. Таҳлили ҳуқуқии баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда [Матн] / А.И. Иноятова // Маҷаллаи Академии ҳуқуқ. – 2022. № 4 (44) -С. 163-168. ISSN 2305-0535
4. Иноятова А.И., Искандаров З.Ҳ. Иштироки судшаванда дар муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ дар низоми шартҳои умумии маҷлиси судӣ // Маҷаллаи илмии Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2023. № 3(59). -С. 37-45. ISSN 2412-141X
5. Иноятова А.И. Асосҳои баррасии парвандаи ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда дар партави ислоҳоти судӣ – ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон [Матн] / А.И. Иноятова // Маҷаллаи илмӣ-амалӣ Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2023. № 3 (31). -С. 224- 234. ISSN 2414-9217
6. Иноятова А.И., Искандаров З.Ҳ. Муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда: муҳиммият ва зарурият // Маҷаллаи Академии ҳуқуқ. – 2023. № 4 (48). - С. 149 - 153. ISSN 2305-0535

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар дигар нашрияҳои илмӣ чоп шудаанд:**

7. Иноятова А.И., Раҳматулоев А.Э. Масъалаи такмил ёфтани қоидаҳои пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ дар даврони Истиқлолият

[Матн] / А.И. Иноятова // Форуми дуюми миллӣ оид ба волоияти қонун дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (3 ноябри соли 2016). Душанбе, 2016. – С. 172-178.

8. Иноятова А.И. Таҳлили назариявӣ ва ҳуқуқии муҳокимаи ошкорои парвандаи ҷиноятӣ [Матн] / А.И. Иноятова // Маводи конференсияи илмӣ – назариявии байналмилалӣ дар мавзуи "Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ" (10 декабри соли 2022). Душанбе, 2022. – С. 93-98.

9. Иноятова, А.И. Қоидаҳои мурофиавӣ ҳангоми баррасии судии парвандаҳои ҷиноятии хусусияти экстремистӣ (ифротгароӣ)-дошта [Матн] / А.И. Иноятова // Маводи Конфренсияи илмӣ -назариявии байналмилалӣ таҳти унвони "Терроризм ва экстремизм - хатар ба амнияти инсоният!" бахшида ба 30 солагии ДДҲБСТ ва 32 солгарди Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон 27 – 28 октябри соли 2023. - С. 457-463.

10. Иноятова А.И. Правовое положение обвиняемого (подсудимого) в уголовно-процессуальном законодательстве СНГ [Текст] / А.И. Иноятова // Глобальные вызовы и научные решения: сборник статей по итогам Международной научно-практической конференции (Калуга, 30 марта 2024 г.). - Стерлитамак: АМИ, 2024. - С. 115-119.

Мақолаҳое, ки аз ҷониби муаллиф вобаста ба мавзуъ ба нашр расидаанд, дар маҷмуъ ҳама самти таҳқиқоти илмӣ, назариявӣ ва амалиро дар бар мегиранд.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.**

Пешниҳодҳо ва хулосаҳои муаллиф ҳамчунин аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот метавонанд барои такмили қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ бе иштироки судшаванда, дар ин замина пешгирии маҳдудшавии ҳуқуқҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ҳангоми баррасии судии масъалаҳои мурофиавӣ чӣ дар марҳилаҳои то судӣ ва дар марҳилаҳои судӣ кумак расонанд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқикотро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҳуқуқӣ ҳангоми омӯзиши фанҳои дахлдор дар раванди таълим мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва ғайра арзёбӣ мегарданд.**

Диссертатсияи Иноятзода Афрӯза Ислом дар мавзуи «Баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда: масъалаҳои назария, танзими ҳуқуқӣ ва амалия» дар шароити кунунӣ мубрам буда, барои амалияи тафтишотӣ ва судӣ зарурӣ арзёбӣ мегардад.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки таҳқиқот фарогири ҷанбаи васеи ҳуқуқӣ буда, дар он нахустин бор таҳлили илмии масъалаҳои вобаста ба муҳокимаи судӣ дар ғоибии айбдоршаванда дар марҳилаҳои тосудӣ ва дар ғоибии судшаванда дар муҳокимаи судӣ баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ мутобиқи КМҶ ҶТ гузаронида шудааст.

Муаллиф хулосаву пешниҳодҳои назариявиро, ки моҳияти мубоҳиса, баробарии тарафҳо, асос, шарт ва зарурати баррасии парвандаи ҷиноятиро бе иштироки судшаванда мекушояд, инчунин хулосаи худро оид ба ҳолати ҳуқуқии судшаванда дар муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ пешбарӣ кардааст. Дар диссертатсия нуқтаи назари муаллиф ва хулосаҳо оид ба мафҳум ва моҳияти «муҳокимаи ошкоро ва пӯшидаи судӣ», «муҳокимаи парвандаи ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда» дар алоқамандӣ бо тарзи мубоҳиса ва баробарии тарафҳо баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ, инчунин хулоса оид ба ҳолати ҳуқуқии судшаванда дар муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ, пешниҳод ва асоснок карда шудааст.

Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлили муқоисавии адабиёти ҳуқуқӣ муаллиф истилоҳоти «мурофиаи ғоибона» ва ё «пешбурди ғоибона»-ро маҳкум карда, истифодаи ифодаҳои гуногуни мафҳумҳои якхелаи мурофиавиро бартараф намуда, ифодаи асоснок ва дақиқи истилоҳоти мурофиавии ҷиноятиро пешниҳод мекунад, то ки бо назардошти кафолатҳои конститутсионӣ қоидаҳои дар марҳилаҳои тосудӣ бе иштироки айбдоршаванда ва минбаъд дар маҷлиси судӣ дар ғоибии судшаванда хангоми моҳиятан баррасӣ кардани парвандаи ҷиноятӣ ҳал шудани масъалаҳои мурофиавӣ такмил дода шаванд. Дар диссертатсия зарурати ҷорӣ кардани тартиби махсуси ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ дар марҳилаҳои тосудӣ бе иштироки айбдоршаванда дар маҷлиси судӣ ва минбаъд дар ғоибии судшаванда ҳангоми моҳиятан баррасӣ кардани парвандаи ҷиноятӣ пешниҳод карда мешавад, ки қонунӣ, асоснок ва одилона қабул шудани ҳукмро тақвият бахшад. Муаллиф истилоҳоти «баррасӣ ва ҳалли ғоибонаи масъалаҳои парвандаи ҷиноятӣ», «муҳокимаи судӣ бе иштироки судшаванда», «мурофиаи ғоибонаи судӣ»-ро, ки дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст, мавриди таҳлил қарор додааст. Дар натиҷа хулосаҳои дақиқ пешбарӣ мешаванд, ки баъзе аз истилоҳот ба мафҳуми «муҳокимаи судӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ бе иштироки судшаванда» мувофиқ нест. Мафҳумҳои аввал ҷузъи амалияи истисноӣ дар баргузории маҷлиси судӣ буда, дар як вақт мафҳуми «мурофиаи ғоибонаи судӣ» ғалат аст, аз ин сабаб набояд арзи вуҷуд дошта бошад, чунки мухолифи ҳадафу вазифаҳо ва принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ мебошад.

Зимнан, дисертант асоснок менамояд, ки муҳокимаи ошкорои парвандаҳои ҷиноятӣ, ки дар он иштироки тарафҳо ҳатмӣ буда, дар он аҳли ҷамъият метавонад иштирок намояд, дар як вақт имконият фароҳам меорад, дар асоси баҳсу мунозира ҳақиқат, адолати ҳуқуқӣ амалӣ шавад ва назорати аҳли ҷомеа аз болои ҳокимияти судӣ таъмин гардад.

Бо итминони комил гуфтан мумкин аст, ки таклифу пешниҳодҳо ва хулосаҳои аз ҷониби муаллиф пешниҳодгардида илман асосноканд ва метавонанд минбаъд барои рушду инкишофи илми ватанӣ аз ҳар ҷониб судманд бошанд. Бо дарназардошти гуфтаҳои мазкур чунин хулосабандӣ намудан мумкин аст, ки рисола кори илмии хотимаёфта ба ҳисоб рафта,

мустақилона аз ҷониби муаллиф навишта шудааст. Пешниҳодҳои назариявӣ, амалӣ, такмили қонунгузорӣ ва навгониҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод гардидаанд мумкин аст дар назария, амалияи тафтишотиву судӣ, такмили қонунгузорӣ ва раванди таълим ба таври фарох истифода шаванд, ки онҳо дар воқеъ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Бо дарназардошти ҳолатҳои ҷойдошта кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ,

**Қарор кард:**

1. Диссертатсияи Иноятзода Афрӯза Ислом дар мавзуи «Баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда: масъалаҳои назария, танзими ҳуқуқӣ ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.09 - Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ ба талаботи банди 31-35 ва 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.
2. Диссертатсияи Иноятзода Афрӯза Ислом дар мавзӯи «Баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда: масъалаҳои назария, танзими ҳуқуқӣ ва амалия» ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 - Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ барои ҳимоя пешниҳод карда шавад.

Дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон 14 нафар, аз ҷумла 1 доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, 10 номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ «тарафдор» - 14 нафар, «зид» - 0 нафар, «бетараф» - 0 нафар, протоколи №3 аз 25-уми октябри соли 2024.

**Раисикунандаи ҷаласа, н.и.ҳ., дотсенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ** — **Қаҳоров Н.М.**

**Котиби ҷаласа, н.и.ҳ., муаллими калон** — **Абдуллоева М.Ҷ.**

**Имзоҳоро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДҲБСТ** — **Бобоев А.Х.**
**“26” 10 с. 2024**

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, микроноҳияи 17, бинои 1, ДДҲБСТ.
Тел.: 342223811